## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти кори илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити муосир рушди иқтисоди бозорӣ ва пойдории он яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеа ва давлат мебошад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии мустаҳками танзимӣ барои маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ, ташкили минбаъдаи қонунгузории кишвар дар самти ҳимояи рақобат ва пешгирӣ аз амалияҳои зиддирақобатӣ ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагӣ мусоидат хоҳад кард. Омӯзиш ва таҳқиқи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи соҳибкорӣ, аз ҷумла масъалаҳои танзими фаъолияти инҳисорӣ барои таъмини рушди босуръати иқтисодӣ нақши муайянкунанда дорад. Беҳудуд нест, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки "қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамраҳи ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад".

Бояд зикр кард, ки масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисорӣ, ба хусус дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ, ки бо суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ, созишномаҳои маҳдудкунанда ва рақобати бевиҷдонона алоқаманд аст, аҳамияти махсус касб кардааст. Манфиати умумии бозор, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва субъектҳои хоҷагӣ талаб менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқи соҳибкорӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳо) механизми ягона ва самараноки танзим ва ҳимояи рақобат амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод соли 2009 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, онро соли 2014 бо ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) хатм кардааст.

Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод аз соли 2015 то соли 2024 дар вазифаҳои гуногуни мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият карда, аз соли 2024 то ба ҳол дар вазифаи ёрдамчии калони

прокурори нақлиёти Тоҷикистон оид ба ташкили кор, назорати иҷро ва таҳлилу омор фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

**Дар боби аввали** таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «Танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисорӣ» ном дорад, муҳаққиқ таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи моҳият ва хусусиятҳои амалияҳои инҳисориро ҳамчун яке аз омилҳои асосии маҳдудкунандаи рақобати бозорӣ анҷом дода, иштирокчиён ва объектҳои чунин амалияҳоро баррасӣ менамояд. Ҳамзамон, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади муқовимат ба тамоюлҳои инҳисорӣ таҳия шудааст, мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар асоси ин таҳлил нуқсонҳо ва афзалиятҳои заминаи мазкур муайян гардида, барои такмили минбаъдаи низоми ҳифзи муҳити одилонаи рақобатӣ дар бозор пешниҳодҳои мушаххас манзур мегарданд.

**Боби дуюм** ба масъалаҳои «Намудҳои фаъолияти инҳисорӣ» бахшида шуда, таҳлили масъалаҳои суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор, созишномаҳо (амалҳои мувофиқашуда), ки рақобати субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд мекунанд ва рақобати бевиҷдононаро ҳамчун натиҷаи фаъолияти инҳисорӣ фаро мегирад.

**Боби сеюм** «Чораҳои маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ» ном дошта, ба таҳлили масъалаҳои азнавташкилдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз бахшида шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ 275, ҳ.19
Телефон: 8 (992) 37225-77-77, моб. 918868877
Почтаи электронӣ: zabir54mail.ru
Сомона: www.philosophy.tj

Имзои Раҳимзода М.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.
«28» 02 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: 8 (992) 37221-49-33
Почтаи электронӣ: info@philosophy.tj
Сомона: www.philosophy.tj